«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б. ____________
«__16__» ____________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи **Раҳмонов Самандар Давлаталиевич** дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мутобиқат намуда, барои ташаккули улуми фалсафӣ заминаи мусоиде фароҳам хоҳад овард. Моҳият ва муҳтавои мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, истифодаи методҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ, хулосабарорӣ ва натиҷагириҳо ба ихтисоси илмии интихобгардида мувофиқат менамоянд. Зимни таҳқиқот муаллифи диссертатсия бештар ба масъалаи қиёси ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро таваҷҷуҳ намудааст. Дар рисола ҳамчунин, масъалаҳое, ба монанди осори Аҳмади Дониш ва вазъи сиёсии даврони ӯ, афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оид ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар муқоиса бо ҷадидия мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо назардошти ин мавзуи мазкур ба самти ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити саршор аз таззодҳои мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ ва бархурди бемайлони фарҳангҳо, ҳифозат ва ташаккули арзишҳои илмиву фарҳангӣ барои намояндаи ҳар халқу миллат беш аз пеш аҳаммияти амалӣ касб менамояд. Аҳмади Дониш аз зумраи равшанфикроне маҳсуб меёбад, ки дар такя бо тафаккури баланди илмӣ ба хотири беҳдошти авзои таълиму тарбия дар аморати Бухоро аз ҳокими манғитӣ талаби татбиқи ислоҳот намуда, ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф рисолаҳо иншо намуда, дар онҳо камбудӣ ва иллату нуқсонҳои дар

ҷомеаи Бухоро мавҷудбударо аз назари интиқодӣ баррасӣ намудааст. Андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оид ба ислоҳот на танҳо барои он даврон, балки барои шароити муосир дар ҷомеаи тоҷик низ хеле таҷрибаи мубраму пураҳаммият ба ҳисоб рафта, таҳлили ҳамаҷонибаи таърихӣ-фалсафиро аз нигоҳи илми муосир тақозо менамоянд.

Замони зиндагӣ ва эҷоди Аҳмади Дониш ба даврае рост меояд, ки он ҳангом қудратҳои ҷаҳонӣ идеологияи «панисломизм»-ро дар баробари «сионизм» ва «сотсиализм» ба халқҳову миллатҳо ва минтақаҳову қитъаҳои гуногун таҳмил менамуданд. Аксар муҳаққиқон Аҳмади Донишро пайрави гурӯҳ ва ё ҳаракати панисломизм ва ислоҳотхоҳи дини ислом медонистанд. Аммо зимни таҳқиқ ва баррасии осори фалсафии мутафаккир ба воқеият ихтилоф доштани ин матлабро эҳсос намудан мумкин аст. Аҳмади Дониш дар осори худ аз сиёсисозии ислом дар мисоли андешаҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Шайх Муҳаммад Абду истиқбол накарда, алорағми пайравони онҳо ба тафаккури дунявӣ такя намудааст. Аммо ин вижагиҳои аслии ҷаҳонбинии дунявии мутафаккир зимни пажуҳиши осор ва зиндагиномааш аз назари муҳаққиқон дур афтодааст. Аз ин рӯ, тасмим ҷиҳати баррасии афкори мутафаккир, ки аз дидгоҳҳои дунявӣ ва маорифпарварона баён шудааст ва нигоҳи интиқодии бархе аз муҳаққиқон ба ин гуна арзёбӣ саривақтӣ буда, таҷрибаи муфиде барои ҷомеаи муосири тоҷик хоҳад буд.

Илова бар ин, равшанӣ андохтан ба масъалаи барғалат бо ҷадидия яксон донистани фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш то ҳол дар таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ мубрам боқӣ мемонад. Яке аз ин омилҳо зери тозиёнаи танқид қарор гирифтани тадрис дар мактабу мадрасаҳо аз ҷониби мутафаккир мебошад, аммо ин омил имкон намедиҳад, ки мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш баробар бо ҷадидон муаррифӣ шавад. Ин вобаста ба он аст, ки Аҳмади Дониш дар воқеъ донишманди ақлгаро бо фарогирии тафаккури дунявист, аммо ҷадидон дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ва давлатӣ бо дастгирии аҷнабиён манфиатҷӯ буданд ва исломро ягона роҳи рафъи ақибмондагӣ арзёбӣ мекарданд. Гузашта аз ин, аксари мероси маҳфузмондаи ҷадидия ё ҷавонбухориён фақат дар заминаи таблиғи ақидаҳои таҳмилии панисломӣ ва пантуркизм ташаккул ёфта, барои ҷомеашиносии муосири миллӣ камарзиш мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия ҳамчун мавзуи мубрам ба ин паҳлуҳои масъала низ равшанӣ меандозад.

**Дарчаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Раҳмонов Самандар Давлаталиевич баҳри асосноккунии гузоришҳои илмӣ бо истифода аз методҳои илмӣ аз таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомдодаи муаллифони хориҷию ватанӣ истифода намудааст. Дар қисмати хулосаи диссертатсия муаллиф пешниҳодҳои худро дар шакли мухтасар нишон додааст, ки фишурдааш чунин аст: Дар маҷмуъ, вазъи дар ҷаҳлу торикӣ ғӯтавар ва нигоҳи ғайриақлонӣ ба идоракунии умури давлат, аморати Бухороро дар садаи XIX ба қафомонӣ ва пастравии маънавӣ оварда расонид. Чунин авзоъ ва аҳволи басе нигаронкунандаи аҳолӣ боиси пайдоиши асарҳои ислоҳталабонаи маорифпарварон ва намояндагони ҷадидия гардид. Ислоҳоти аморати Бухоро, ки аз ҷониби Аҳмади Дониш пешниҳод гардидааст, аз ақидаҳои дигар маорифпарварони Шарқ, хусусан ҷадидон, навбухориён тафовут дошта, бо ҳамин сабаб, Аҳмади Дониш нахустин мутафаккири маорифпарвар маҳсуб мешавад, ки алорағми пантуркистону панисломистон андешаи миллӣ дошта, тарзи тафаккури дунявӣ дар осораш мавқеи асосиро ишғол мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Муаллифи диссертатсия ба таври мухтасар натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ба сифати навоварии илмӣ дар шакли зерин нишон додааст:

- осори Аҳмади Дониш, аз ҷумла девони ашъори омӯхтанашудаи ӯ ва таҳқиқи онҳо аз нигоҳи методологияҳои гуногун дар замони шуравӣ ва даврони муосир ба таври муназзам тавсиф гардида, дар асоси далелҳои тарҷумаҳолӣ таъсири сафарҳои мутафаккир ба Русия ҳамчун таҳаввули куллӣ дар ҷаҳонбинии ӯ, вале бо вуҷуди ин ба фарҳанги бегона нагаравидани мутафаккир исбот карда шудааст;

- хусусиятҳои ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии Ғарб, хусусан Русия, ҳаёти халқҳои Русия - русҳо ва тоторҳо, инчунин панисломизм ва пантуркизм мушаххас карда шудаанд;

- омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ ба таври мушаххас муайян гардидаанд;

- умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX муайян карда шуда, дар ин раванд ба принсипҳои дунявият,

илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ такя кардани мутафаккир бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст;

- омилҳои ниёз доштани ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ба сабаби ноуҳдабароии амирони манғитӣ, муҳити хурофотии дарбор ва аҳолии кишвар, инчунин мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ бо истифода аз маводи нав аз осори мутафаккиру таҳқиқоти муосир мушаххас карда шуда, роҳҳои асосии ислоҳи онҳо дар таълимоти мутафаккир дар қиёс бо намояндагони дигари ҳаракати маорифпарварӣ муайян гардидаанд;

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич аҳаммияти илмӣ ва амалии худро доро мебошад. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар соҳаи илмҳои фалсафӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро муаллиф ба воситаи асосҳои назариявию методологӣ дар диссертатсияи худ асоснок намудааст. Диссертант тавонистааст, ки дар таҳқиқоти худ миқдори зарурии адабиёти илмиро вобаста ба мавзуи мавриди назар истифода намояд. Инчунин, хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони дохил ва хориҷи кишвар, натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводи зиёди илмӣ ва таҳлили адабиёти ҷамъовардашуда барои диссертатсия натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Саҳми Раҳмонов С.Д. дар коркарди илмии таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро, ки мавзуи таҳқиқоти муаллиф мебошад, назаррас аст. Кори таҳқиқотии анҷомдодашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзиши илмӣ дошта, натиҷаҳои он бо далелҳои гуногун асоснок карда шудааст. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, мавзуи интихобнамударо дар ҳадди зарурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, хулосаҳои заруриро пешниҳод намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои кори диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷалаҳои тақризшаванда ба талаботи банди 35 – и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд. Мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаб мазмуни кори диссертатсионии онро ифода менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Муаллифи он дар рафти таҳқиқот тавонистааст, ки моҳият ва паҳлуҳои норавшани масъаларо ошкор намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисолаи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич аз 180 саҳифа иборат мебошад.

Натиҷагирӣ дар бобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он тавонистааст дар ҳадди имкон аз уҳдаи иҷрои мақсадҳои гузоштаи худ барояд ва хулосаҳои заруриро пешниҳод намояд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки аз ду зербоб иборат аст, муаллиф бештар ба масъалаҳои назариявию методологии осри Аҳмади Дониш ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони ӯ таваҷҷуҳ намудааст.

Дар зербоби аввали боби аввали диссертатсия, ки "Осори Аҳмади Дониш ва методологияи омӯзиши он дар замони Шуравӣ ва даврони муосир" номгузорӣ шудааст, нақши донишмандон Е.Э. Бертелс, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Маҳмуд, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Соми, Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Аловуддин Баҳоваддинов, Ғафор Ашӯров, Мусо Диноршоев, Зариф Раҷабов, Расул Ҳодизода дар таҳқиқи осор ва андешаҳои Аҳмади Дониш пайгирӣ намудааст. Раҳмонов С.Д. зербоби мазкурро чунин хулосагирӣ намудааст: "Дар замони шуравӣ файласуфони тоҷик афкори фалсафии Аҳмади Донишро баҳогузорӣ карда, онро бо унвони «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» муаррифӣ намудаанд. Ин баҳогузорӣ гувоҳӣ медиҳад, ки афкори фалсафии Аҳмади Дониш оғози марҳилаи нав дар таърихи фалсафаи миллӣ мебошад. Аммо дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе олимон фалсафаи динро ба афкори сиёсӣ-иҷтимоии мутафаккири маорифпарвар пайванд карда, таълимоташро "ислоҳотхоҳии динӣ" номгузорӣ кардаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад"(ниг. диссертатсия саҳ. 34)

Дар зербоби дуюми боби якум, ки “Ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро” унвон гирифтааст, муаллиф атрофи мафҳум ва моҳияти маорифпарварӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули он ва афзалиятҳои андешаҳои намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ суҳбат менамояд.

Дар зербоби саввуми, боби якуми диссертатсия, ки “Муҳити иртиҷоии давраи ҳукумронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ” унвон гирифтааст, диссертант атрофи авзои иҷтимоиву сиёсии даврони салтанати сулолаи Манғития ва таъсири манфии он ба рушду тараққии ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш баҳс менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф бештар ба афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оид ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар муқоиса бо ҷадидия, диққатро равона намудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм, ки “Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX” унвон гирифтааст, муаллиф андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Донишро бо андешаҳои дигар маорифпарварон мавриди қиёс қарор дода, тафовути байни онҳоро муқаррар менамояд. Тавре муаллиф таъкид менамояд: “Бартарии Аҳмади Дониш аз афроди дигари маорифпарвар инчунин иборат аз ин аст, ки бо вуҷуди ошноӣ бо равияҳои мухталифи илми муосир ва сафарҳои хеш ба империяи Русия гароиш ба фарҳанги бегона надорад, агарчи паҳлуҳои судманди фарҳанг ва тамаддуни аҷнабиро бо далели рушди ҷомеаи Русия истиқбол менамояд ва омилҳои ақибмонии аморати Бухороро дар ин замина мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.”(ниг. диссертатсия саҳ. 78)

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия, ки “Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш” унвон дорад, Раҳмонов Самандар Давлаталиевич ба масъалаи авзои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ва таъсири он ба афкори илмии Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллиф тавре баён менамояд, “Омилҳои боздоштани ҷомеаи Бухоро аз рушду тараққиро ӯ дар тарзи нодурусти идораи давлат, аз ухдаи вазифаашон набаромадани амирон, анъанаҳо ва русуми нодурусти дарбори хонадони манғития, тадохули мардуми турк ба умури давлатӣ, динзада будани дарбориён, таассубу хурофоти руҳониёни дарбор, артиши куҳнашудаи амирӣ, истилои Мовароуннаҳр аз ҷониби артиши Русия, диндории аҳолии аморат, набудани иқтисодиёти пешрафта, матбаа, театр, чароғ, мактабҳои нав ва ғайра мебинад.”(ниг. диссертатсия саҳ. 128)

Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия, ки “Бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтомоӣ” ном гирифтааст, диссертант бо такя ба таҳлили андешаҳои Аҳмади Дониш ва қиёси он бо андешаҳои пайравони ҳаракати ҷадидия, аз тафовут ва бартарии андешаҳои Аҳмади Дониш аз намояндагони ҷадидия ёдовар мешавад. ,Тавре муаллиф ёдовар мешавад, “таҳлили амиқи моҳияти ҷадидия нишон медиҳад, ки пайравони он аз зумраи ислоҳталабони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, назар ба Аҳмади Дониш бештар ба Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ наздиканд ва миллатро тавассути дин, яъне ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии “хилофат” мефаҳмиданд. Аҳмади Дониш бошад, дар пояи миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ, инчунин дар асоси дунявияти тафаккур ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи худро баён сохта, бо ин хусусиятҳояш таълимоти ӯ аз неҳзати ҷавонбухориён, ки нусхабардорӣ аз ҷавонтуркон буд ва хислати пантуркистӣ дошт, тафовути зиёд дорад.”(ниг. диссертатсия саҳ. 160)

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31- уми марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси мазкур дар назди шуъбаи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зинаи унвонҷӯиро гузаштааст. Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа, мувофиқ мебошанд. Раҳмонов С.Д. дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии Раҳмонов Самандар Давлаталиевич ба дараҷаи илмии даръёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Норасоиҳо ва эродҳо**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар қатори муваффақиятҳо баъзе масъалаҳои баҳснок ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Дар боби аввали диссертатсия, ки фарогири се зербоб аст, дар хусуси ҳаракати ҷадидия умуман суҳбат намеравад, ин ҳам бошад дар ҳолест, ки таҳқиқот унвони «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-

фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро»-ро дорад.

2. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ диссертант танҳо атрофи омӯзиши осор ва афкори Аҳмади Дониш сӯҳбат намуда, атрофи таҳқиқотҳои вобаста ба ҳаракати ҷадидия анҷомёфта умуман маълумот намедиҳад.
3. Дар диссертатсия ҳолати қиёси андешаҳои Аҳмади Донишро бо ҷадидия танҳо дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия во хурдан мумкин аст. Хуб мебуд агар диссертант дар боби аввали диссертатсия ба объекти асосии таҳқиқот эътибор медод.
4. Агар диссертант диссертатсияи худро зери унвони «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш бо намояндагони дигари ҷараёни маорифпарварӣ оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро», таҳия менамуд, ба мазмун ва муҳтавои дисертатсия мувофиқтар мебуд.
5. Дар матни диссертатсия баъзан хатоиҳои имлоиву техникӣ, инчунин баъзан ҳолати риоя нагардидани пайванди мантиқии фикр ба назар мерасад.

Эродҳои пешниҳодгардида мазмун ва арзиши илмии диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» коҳиш намедиҳанд. Аксари онҳо ҳамчун пешниҳод барои муаллиф мебошанд, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда метавонад мавриди корбарӣ қарор диҳад.

Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, мазмун ва мундариҷаи он ба ихтисоси 09.00.03 – Тарихи фалсафа мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро » ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, Раҳмонов Самандар Давлаталиевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Маҷидов Диловар Ҳафизович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 14 майи соли 2025, протоколи №10 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “муқобил” - нест, “бетараф” - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ
Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович ________________

**Эксперт:**
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ
Маҷидов Диловар Ҳафизович ________________

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносӣ
Азизмуродов Муҳамадсалим Раҳимович ________________

Имзоҳои дотсент Маҷидов Диловар Ҳафизович,
дотсент Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович
ва муаллими калон Азизмуродов Муҳамадсалим
Раҳимовичро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна ________________

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

Нишонии муассисаи пешбар:
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: (+992-37) 232-50-03
E-mail: rector@ddzt.tj